

**19 марти соли 2019 дар доираи амалигардонии Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат I дар Тоҷикистон, лоиҳаи “Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон”, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, ҷаласаи чоруми Гурӯҳи кории 2 баргузор кард. Дар ҷаласа масъалаи валидатсияи Чорчубаи салоҳияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ барои муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим бо мақсади бардошти таҷриба аз низоми Рушди муттасили касбӣ баррасӣ гардид.**



# ГУРӮҲИ КОРИИ 2

## ҷаласаи созанда орост



Дар ин нишаст мутахассисони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагони Вазорати маориф ва илм ва сохторҳои тобеи онҳо, намояндагони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илм иштирок карданд.

Бояд гуфт, имрӯз зарурати таъмин намудани сифати баланди таълим, таъмини таълими ибтидоии мувофиқ барои муаллимон, рушди мунтазами касбии омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва марғубтар намудани интихоби касби омӯзгорӣ ба миён омадааст. Бинобар ин, талаби замона чунин аст, ки усулҳои озмудашудаи ҷаҳонӣ ҳарчи беҳтару хубтар мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор дода шаванд.

Дар ин росто усули Чорчубаи салоҳияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ, Иттиҳоди Аврупо ва заминавии минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан зарурати системаи рушди муттасили кормандони муҳандисию омӯзгории ТИКТ дар Тоҷикистонро бевосита мавриди корбарӣ қарор медиҳад. Мусаллам аст, татбиқи таҷрибаи пешқадам дар ҷараёни фаъолият ба нафъи кор мебошад, ки онро лоиҳа яке аз ҳадафҳои асосии худ қарор додааст.

Мақсади вохӯрии мазкур низ аз тасдиқи Чорчубаи салоҳияти омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва муаррифии низоми арзёбии кадрҳо барои системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ-таълимӣ иборат буд, ки роҷеъ ба ин масъала роҳбари лоиҳа Галя Божанова ва коршиноси калидии 2 Весна Яневски дар ҷаласаи пленарӣ суханронӣ карданд.



Аз нишасти созанда чунин натиҷа ба даст омад, ки Созишнома бо бенефисиар оид ба имконпазирии мутобиқати Чорчубаи салоҳияти омӯзгорон барои таъмини коршоямӣ ва фоидабахшии онҳо ва бо назар ба эҳтиёҷоти ТИКТ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Хотиррасон бояд кард, ки Гурӯҳи корӣ 2 бо мақсади дастгирии тамоми кормандони системаи таълими касбии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи Чорчубаи салоҳиятро дар ҳамкории зич бо Чорчубаи салоҳияти омӯзгорони Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин системаи арзёбии кормандон, омӯзгорони фанҳои махсус, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда омода карда, айни ҳол он таври самарбор мавриди амал қарор гирифтааст.

**Хабарнигори мо**

